“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
номзади илмҳои таърих, дотсент
______________Набизода М.С.
«__»________________2025 с.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи «Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2024)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология)

Мувофиқи суратмаҷлиси №24 ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА–093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз санаи 17 октябри соли 2025 МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ҳамчун муассисаи пешбар ба диссертатсияи унвонҷӯ Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи «Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2024)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) таъйин шудааст.

Диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи этнология ва антропологияи таърихии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 “Мардумшиносии Тоҷикистон” ба анҷом дода шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯйи он кор ба ҳимоя пешниход гардидааст, комилан мутобиқат намуда, дар ҷаласаи кафедраи археология, этнография ва диншиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», протоколи №4, аз 29

ноябри соли 2025 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбат дода шуд.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Муаллиф дар бахши муқаддимавии диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқро хеле муътақидона асоснок намудааст.

Мубрамияти мавзуи тадқиқот аз тарафи диссертант дар баланд бардоштани суннату анъанаҳои неки фарҳанги маданияти ниёгон, омӯзиши ҳуввияти миллӣ, арзишҳо ва боварҳои мардум барои илми мардумшиносӣ, аҳаммияти муҳим доштани расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ, ки инъикоскунандаи ҳаёту рӯзгори ҷомеа мебошад, ҳамзамон таваҷҷуҳ доштани мардумшиносон ба фарҳанги маънавӣ ва баҳравар гардидан аз он, воситаи муҳими пешгирии густариш ва вусъатёбии ҷараёнҳои номатлуб, фарҳанги бегона дар байни ҷавонону наврасон, бегонапарастӣ ва коста шудани ахлоқи ҷомеа зарурати таҳқиқу омӯзиш ва таблиғи суннатҳои беҳтарини ниёкон дар мисоли расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии сокинони ноҳияи Данғара нишон дода шудааст.

Барои ҳифзи арзишҳои фарҳангии миллат дар замони ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) моро зарур аст, ки ҳар минтақаи Тоҷикистонро бо истифода аз имкониятҳои васеи замони Истиқлол мавриди омӯзиши илмӣ қарор диҳем. Аҳаммияти дигари мавзуи таҳқиқшаванда дар он аст, ки муаллиф робита ва пайванди иҷтимоию фарҳангии минтақаи Кӯлобро дар мисоли мардуми ноҳияи Данғара бо дигар минтақаҳои Тоҷикистон аз нигоҳи мардумшиносӣ муфассал таҳлил намуда, ҳамгироии онҳоро дар замони шуравӣ ва давраи Истиқлол баррасӣ намудааст.

Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсия ҳамчун як самти наву муҳими таҳқиқоти мардумшиносии минтақаи Кулоб, бахусус ноҳияи Данғара дар давраи шӯравӣ ва замони Истиқлол, дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

**Дараҷаи асоснокунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин

Файзиддин дар мавзуи «Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2024)» як кори илмии муҳим ва саривақтӣ буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми этнография бахшида шудааст.

Хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда ба натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот асос ёфтаанд. Хулосаҳо ба таври мантиқӣ аз натиҷаҳои таҳлили маълумотҳои ҷамъовардашуда бармеоянд. Муаллиф тавонистааст расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии ноҳияи Данғараро нишон диҳад. Хулосаҳо мушаххас ва ба саволҳои дар ибтидои таҳқиқот гузошташуда ҷавоб медиҳанд.

Қисмати пешниҳодҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқоти худ хулосаҳои амалӣ баровардааст. Натиҷаҳои хулосаҳои илмии таҳқиқотро метавон ҳангоми таҳияи асарҳои бунёдӣ оид ба этнография ва этнологияи халқи тоҷик, лексияҳо барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ, инчунин дар тарбияи ватандӯстии наслҳои наврасу ҷавон истифода бурд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгониҳои илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори нахуст илми мардумшиносии ватанӣ масоили расму анъанаҳо ва бозиҳои мардуми дар ноҳияи Данғара дар давраи шӯравӣ ва замони Истиқлол муайян бо ҷалбӣ маълумотҳои шифоҳӣ ва доираи васеи адабиёту сарчашмаҳои муътамад мавриди пажуҳиш ва баррасии таърихӣ қароар мегирад. Натиҷаи омӯзишу пажуҳиш, таснифот ва баррасиву таҷзияи мавзуи мазкур навгониҳои зиёдеро рӯйи кор овард, ки дар рушду ташаккули илми мардумшиносии ватанӣ таъсири мусбат мерасонад.

Саҳеҳии натиҷаҳо ба муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишород ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби олимони соҳаҳои таърих, мардумшиносӣ, этнология, бостоншиносӣ ва дигар мутахассисон дар ҷараёни фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии худ истифода шаванд. Маводи диссертатсияи мазкур метавонад дар таҳияи монографияҳо ва асарҳои илмӣ оид ба таърих ва этнографияи халқи тоҷик дар давраҳои муайян, инчунин ҳангоми омода сохтани маводи таълимӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Дарачаи эътимоднокии натичаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натичаҳои таҳқиқ.** Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда, интихоби дурусти равишҳои методологӣ ва усулҳои пажуҳиш аз чониби муаллиф имконият фароҳам овард, ки натичаҳои арзишманди илмӣ ба даст оварда шаванд.

Дарачаи эътимоднокии натоичи таҳқиқот аз дурустӣ ва асоснокии хулосаҳо, инчунин истифодаи мақсадноки усулҳои таҳлил, аз чумла усулҳои таҳлилӣ-муқоисавӣ, хронологӣ-масъалагузорӣ, объективияти илмӣ, таърихияти илмӣ, методҳои таҳқиқӣ-муқоисавӣ, таҳқиқӣ-татбиқӣ, муайянкунии моҳияти ҳодисаҳо, истифодаи тартиби хронологӣ бо риояи принсипи таърихият (историзм), методҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ, мантиқӣ, хулосабарорӣ ва дигар услубҳо дар чараёни таҳқиқи мавзуъ шаҳодат медиҳад.

Асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои овардашуда, инчунин сатҳи баланди илмии онҳо гувоҳи онанд, ки муаллиф аз осори муҳими олимони шинохтаи соҳаи мардумшиносии ватанӣ ва хоричӣ эчодкорона истифода бурдааст. Хулоса ва тавсияҳои илмии таҳқиқот, ки дар заминаи таҳлилҳои назариявӣ ва тачрибавӣ таҳия шудаанд, барои татбиқи амалии натичаҳо заминаи устувор фароҳам оварда, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дарачаи илмӣ ва таҳқиқ**. Дар рафти ичрои кори илмӣ корҳои муайяни илмӣ-таҳқиқотӣ анчом дода шуданд, ки дар мачмуъ саҳми шахсии довталаби дарёфти дарачаи илмиро инъикос мекунанд. Аз чумла, маводи тадқиқотҳои этнографии саҳроӣ, маълумоти зиёди шифоҳӣ доир ба расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии ноҳияи Данғара чамъоварӣ шуд; расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии замони шуравӣ ва Истиқлол таҳлил шуда хусусиятҳои хоси онҳо муайян гардидаанд; маъхазу асарҳои илмӣ, ки ба мардумшиносии минтақаи Кӯлобу Данғара бахшида шуда, мавриди таҳлили мардумшиносӣ қарор ёфта, дар асоси он хулосаҳои илмӣ доир ба мавзуъ пешниҳод гардид; нишон дода шуд, ки мардумшиносии ҳамаи давраҳои таърихии халқи точик хусусияти умумӣ дошта, дар доираи як минтақа (ноҳияи Данғара) таҳлил кардани ин ҳамбастагӣ барои таърих ва этнографияи миллат аҳамияти махсус дорад. Давраҳои омузиши этнографияи ноҳияи Данғара дар рисола тақсимбандии илмӣ ёфта, саҳми олимон ба омузиши таърих ва мардумшиносии ноҳияи Данғара иртибот дошта, мавриди таҳлили этнорафӣ қарор гирифта, дар ин замина арзиши илмии маълумоти онҳо муайян карда шуд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Баррасии диссертатсия нишон дод, ки аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки ба феҳристи маҷаллаҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд ва 2 китоби илмӣ-оммавӣ нашр шудаанд, ки ин аз эътибори илмии натиҷаҳои бадастомада шаҳодат медиҳад. Интишороти муаллиф шаҳодат медиҳанд, ки нуқтаҳои асосии муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии Салимзода Фатҳиддин Файзиддин инъикос ёфтаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар ҳаҷми 199 саҳифаи чопи компютерӣ таълиф шуда, бо сохтори иборат аз муқаддима, се боб, 7 зербоб, хулоса, номгӯйи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда, замима (расмҳо) таҳия гардидааст.

Дар "**Муқаддима**" мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳо, навгониҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи манбаъвии кор, доираи хронологӣ, предмет ва объект, нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳодшуда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тавсиб ва амалишавии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссератсия **«Ҷанбаъҳои ҷуғрофӣ, таърихӣ ва таҷлили ҷашнҳо дар ноҳияи Данғара»** аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввали боби якум **«Маълумоти мухтасари ҷуғрофӣ ва таърихии ноҳия»** масъалаи пайдоиш ва мазмуни топоними "Данғара", иқлим, ҷуғрофия, сохтори маъмурӣ ва таърихи ноҳия баррасӣ карда шудааст.

Диссертант ҳангоми баррасии зербоби аввали боби якум ба хулосае омадааст, ки "....давраи рушду тараққии ноҳия асосан замони соҳибистиқлолӣ мебошад" ва дар ин давра ноҳияи Данғара ба яке аз калонтарин навоҳии кишоварзӣ-саноатии Тоҷикистон табдил ёфт.

Дар зербоби дуюми боби якум **"Анъанаи ҷашни Наврӯз дар Дарғара дар даврахои шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ"** муаллиф дар бораи яке аз ҷашнҳои бузурги миллати тоҷик Наврӯз маълумоти муфассал дода масъалаи хусусиятҳои хоси Наврӯз дар Данғараи замони соҳибистиқлолӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Диссертант дар баррасии ин зербоб менависад, ки Наврӯз аз бузургтарин ҷашнҳои қадимаи миллати тоҷик мебошад, ки таърихи бисёрҳазорсола дорад. Ин ҷашни бузурги миллиро тоҷикон дар ҳамаи давру замонҳо новобаста аз сиёсати давр таҷлил менамуданд. Дар

Наврӯз мардуми ноҳияи Данғара суннатҳои зиёди ин ҷашни аҷдодиро нигоҳ дошта, онҳоро тантана мекунанд

Боби дуюми диссертатсия **«Маросимҳои анъанавии мардумӣ дар байни сокинони ноҳияи Данғара»** аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби дуюм «**Ҷашни арӯсӣ дар ноҳияи Данғара»** масъалаи ташкил ва гузаронида ҷашни арӯсӣ баррасӣ гардидааст.

Дар диссертатсия нишод дода шудааст, ки ҷашни арӯсии мардуми ноҳияи Данғара сертаркиба буда, дар доираи фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои мардумӣ сохтори хеле муносиби суннатиро дорост. Мардум он сунатҳоро пос медоранд ва рафти тӯйҳо дар доираи он суннатҳо доир мегирад. Диссертант муайян намудааст, ки дар давраи Истиқлол нисбати даврони шуравӣ дар бунёд сохтани оила вобаста ба пешравии иқтисодиёт ва беҳ гаштани сатҳи иҷтимоии сокинони ноҳия баъзе дигаргуниҳо ба амал омадааст. Дар давраи соиҳбистиқлолӣ аксари ҷавонон баракси давраи шуравӣ, аз рӯи интихоби шахсӣ бо ҳамсари ояндаи худ хонадор мешаванд.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия «**Маросими таваллуд»** масъалаҳои омӯзиши маросимҳои марбут ба таваллуд баррасӣ гардидааст. Диссертант ба хулосае омадааст, ки дар баргузории тӯйҳо (хатнасур ва хонадоршавӣ), расму русуми тавлиди тифл, тарбияи он, хатнаи писарбача дар тӯли 70 соли мавҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ ва давраи соиҳбистиқлолӣ қариб, ки дигаргуниҳо ба амал наомадааст. Тағйироти ночизи воридгашта куллан ҷиҳатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ доранду халос.

Дар давраи соиҳбистиқлолӣ низ дар ноҳияи Данғара чун дар замони шуравӣ баъди таваллуди кӯдак онро аз рӯи анъана чиллабаророн, гаҳворабандон ва хатнасурашро баргузор мекунанд.

Зербоби сеюми боби дуюм, ки **"Расми азодорӣ"** унвон дорад, расму русум вобаста ба марг ва гӯронидани майит баррасӣ шудааст. Ҳангоми таҳқиқ муайян карда шуд, ки дар анъанаҳо оид ба гӯрондани майит монандиҳо бо дигар қисматҳои Тоҷикистон баръалост, аммо фарқиятҳо низ дида мешаванд.

Диссертант қайд менамояд, ки ин фарқиятҳоро дар намудҳои анъанавии нишон додани мусибат, тайёр намудани майит ба маросими ҷаноза, тайёрии аҳли маҳал ё гузар ба маросими ҷаноза, кандани ҷабр дидан мумкин аст.

Ҳангоми мусибат дар ҳамсоядорӣ аҳли маҳал бо роҳбарии раиси маҳалла ё муллои гузар барои хуб гузаштани маросими ҷаноза тайёрӣ мебинанд. Дар Данғара чун дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон маросими

ҷаноза дар давраи шуравӣ пас аз як рӯзи мавт гузаронида мешуд. Фарқ аз замони шуравӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ вобаста ба шароитҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ин маросим дар рӯзи мавт бо харҷи кам бе "сартахта" гузаронида мешавад.

Боби сеюми диссертатсия **«Бозиҳои бачагона ва варзиши суннатӣ дар ноҳияи Данғара»** номгузорӣ шуда, он аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввали боби сеюм **«Намудҳои варзиш, бозиҳои серҳаракат ва мавсимӣ»** ҷойгоҳу нақши варзиш дар ҳаёти сокинони ноҳияи Данғара таҳлил гардидааст.

Дар диссертатсия масъалаи мазкур баррасӣ гардида, қайд шудааст, ки мардуми Данғара мисли дигар сокинони Тоҷикистон ҳангоми фориғ будан аз корҳои саҳро ва хоҷагии шахсӣ махсусан, аз охири фасли тирамоҳ то даромади фасли баҳор ба бозиҳои гуногун машғул мешуданд. Ҳангоми пажӯҳиш ӯ муайян месозад, ки қисме аз бозиҳои мардумие, ки дар байни сокинони Данғара паҳн шудаанд, эҷоди худи мардуми Данғара буда, тафаккур ва завқи бадеии ин мардум дар онҳо дарҷ гаштааст. Дар ин зербоб диссертант дар бораи варзиш ва бозиҳои варзишӣ таҳқиқот анҷом дода, аз боби бузкашӣ, гӯштингирӣ, бандкашӣ бо гардан ва ғайра, ки дар миёни мардуми ноҳияи Данғара маълуму машҳур мебошанд, маълумоти муфассал зикр намудааст.

Дар зербоби дуюми боби сеюм **«Бозиҳои бачагонаву наврасон»** диссертант дар бораи бозиҳое, ки дар миёни бачагону наврасони ноҳияи Данғара вуҷуд доранд, маълумот додааст.

Диссертант зимни омӯзиш ва баррасӣ маълум кард, ки сокинони ноҳияи Данғара махсусан дар даврони шуравӣ, дар лаҳзаҳои фориғ аз корҳои саҳроӣ ва хоҷагӣ ба бозиҳои гуногуни варзишӣ ва мавсимӣ шуғл меварзиданд. Дар зербоб омадааст, ки дар миёни наврасони ноҳияи Данғара "хоначабозӣ" буд, ки кӯдакон онро бо номҳои гуногун аз қабили: "хоначабозӣ", "лоқбозӣ", "луфтакбозӣ" ё "зочабозӣ" истифода мебаранд. Ба бозиҳое, ки чӣ дар даврони шуравӣ ва чӣ имрӯз байни писару духтаракон машҳур ҳастанд, "подшоҳбозӣ" "дурадармех", "ланкабозӣ", "макмакбозӣ", "ликакбозӣ" ва "ҷанҷулабозӣ"-ро дохил кардан мумкин аст. Диссертант қайд менамояд, ки ин бозиҳо барои солимгардонии тан ва рӯҳ воситаи муфид буд.

Дар хулоса пешниҳоду тавсияҳои муаллиф оиди ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот ва бахри дар оянда давом додани омузиш дар ин самт оварда шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат менамояд. Диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯ мебошад. Кори таҳқиқотӣ бо меъёрҳои забони давлатӣ таълиф шуда, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**. Тахассуси илмии довталаб Салимзода Фатҳиддин Файзиддин ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) мутобиқ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия**. Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Рисолаи диссертатсионӣ бештар хусусияти тасвирӣ дорад. Мафҳумҳои илмии мардумшиносӣ (масалан, “расму оинҳо”, “бозиҳои бачагона” ва ғайра)-ро диссертант шарҳ надодааст. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии мафҳумҳо аз дидгоҳи мактабҳои илмии мардумшиносӣ таҳлил нашудаанд.

2. Дар диссертатсия шумораи манбаҳои хориҷӣ, махсусан англисӣ ва русӣ маҳдуд аст. Барои таҳқиқоти сатҳи номзадӣ ҳамагӣ чор номгӯи адабиёт ба забони англисӣ оварда шудааст, ки он нокифоя аст. Зарур буд, ки адабиёти Ғарбро васеътар, аз ҷумла асарҳои назариявии марказҳои илмии Ғарб истифода мешуд.

3. Дар муқаддимаи диссертатсия аз он таъкид меравад, ки диссертант дар ҷараёни таълиф аз маводи саҳроӣ-этнографии дар ҷараёни экспедитсияҳои илмӣ-этнографӣ гирдовардааш истифода бурдааст. Аммо дараҷаи истифодабарии онҳо дар муқоиса бо дигар аснодӣ этнографӣ ва сарчашмаҳои илмӣ дар матни диссертатсия кам ба назар мерасад.

4. Дар боби дуюми диссертатсия ҷойи зербобҳои 1 (Ҷашни арӯсӣ дар ноҳияи Данғара) ва 2 (Маросими таваллуд) иваз кардан хуб

мешавад. Аз рӯйи нуқтаи назари антропологияи синну солӣ аввал маросими таваллуд ва баъдан ҷашни арӯсӣ бояд бошад.

5. Дар бархе ҷойҳои диссертатсия ному насаби олимон (масалан, Ливошин – бояд Н.С. Ликошин бошад, Г.И. Эшонқулов ё Г. Ишанкулов омадааст, дурусташ -Х.Т. Ишанкулов ва ғ.) ё мавзеҳо (Дангара – Данғара, Дукшанбе – Душанбе ва ғ.) нодуруст оварда шудааст. Матни диссертатсия ва автореферат холӣ аз иштибоҳоти техникӣ, имлоӣ нест ва ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, арзиши аслии таҳқиқи диссертатсияро кам намекунанд. Баръакс, таҳқиқоти гузаронидашуда дорои аҳамияти назаррас мебошад ва ба рушди илми таърих ва мардумшиносӣ мусоидат мекунад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқараргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илми асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**. Диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи «Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2024)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси **07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология)** сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқарроти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи археология, этнография ва диншиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Файзуллоев Муҳидинҷон омода гардидааст.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи археология, этнография ва диншиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», протоколи №4 аз 29 ноябри соли 2025 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 12 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 12 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа**:
номзади илмҳои таърих, дотсент,
мудири кафедраи археология,
этнография ва диншиносии
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Ҳусайнӣ Ф.Р.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи археология, этнография ва
диншиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Файзуллоев М.

**Котиби ҷаласа:** Раҳимова Т.

Имзоҳои Ҳусайнӣ Ф.Р., Файзуллоев М. ва Раҳимова Т.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров " Сайдуллозода З.С.

**Суроғаи расмӣ:**
735725, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
Тел: (992-3432) 6-52-73; Факс: (992-3432) 6-75-18
Почтаи электронӣ: rector@mail.ru
"_1_"_декабри_2025